# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

аз «11» ноябри соли 2019 №246 ш. Душанбе

Оид ба дараҷаҳои илмӣ

Мутобиқи банди 11 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (17.06.2016, №504) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Фармоишҳои раиси КОА аз 30.10.2019 №209 ва 210 «Оид ба рад кардани додани дараҷаи илмӣ» аз этибор соқит карда шавад.
2. Диссертатсияҳои Фарайдунов Осим Қосумович дар мавзӯи «Некоторые оптимальные квадратурные формулы для особых многомерных интегралов» ва Муродов Каримҷон Насимович дар мавзӯи «Среднеквадратическое приближение функций суммами Фурье-Бесселя» оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физикаю математика аз ихтисоси 01.01.01 – Таҳлили математикии ҳақиқӣ, комплексӣ ва функсионалӣ бинобар риоя накардани талаботи бандҳои 7, 12, 19, 48 Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, авторефератҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои коркарди иловагӣ баргардонида шаванд.
3. Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 012 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон супорида шавад, ки хатогиҳои ҷойдоштаро ислоҳ намуда, диссертатсияи мазкурро барои баррасии такрорӣ ба КОА пешниҳод намояд.
4. Фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи расмии КОА ҷойгир карда шавад.
5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини раиси КОА Комилиён Ф.С. гузошта шавад.

Асос: хулосаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои табиӣ-риёзӣ ва техникӣ.

Раис А. Розиқзода